آوازتاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

22 июли соли 2020. Чоршанбе

№ 49 (14648)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## БА СОҲАИ КАДАСТР ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ТАТБИҚ МЕГАРДАД

**_Президент Шавкат Мирзиёев 21 июл доир ба масъалаҳои пурра таъмин намудани баҳисобгирии замин ва кадастри давлатӣ, ба соҳа татбиқ намудани технологияи рақамӣ ҷамъомад баргузор намуд._**

Ҳисобу китоби аниқ ва босамар истифода намудани замин барои бисёр соҳаҳо, мисли хоҷагии қишлоқ, соҳибкорӣ, истеҳсолот, сохтмон, геология хеле муҳим аст. Ҳангоми сафарҳои худ ба минтақаҳо роҳбари давлат ҳамеша ба ин масъала эътибори алоҳида медиҳад ва таъкид менамояд, ки ҳар як ваҷаби замин ба мардум нафърасон бояд бошад.

Мутаассифона дар соҳаҳои геодезия, картография ва кадастр бисёр масъалаҳо ғун гаштаанд. Бори охир инвентаризатсияи замин дар мамлакатамон 40 сол қабл ба амал омадааст. Барои мисол, ҳанӯз сарҳадҳои маъмурии 140 ноҳия муайян нест. Тартиби ҷудо намудани замин барои хоҷагии қишлоқ 20 сол қабл қабул гардида буд ва ба талаботи ислоҳоти имрӯза мувофиқат намекунад. Дар натиҷа дар соҳа ҳолатҳои дуздӣ ва коррупсия авҷ гирифтааст. Он чиз аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар 66 ноҳия худсарона 150 ҳазор гектар замини кишт ишғол гардидааст, дар ду соли охир бошад, 122 нафар корманди хидмати кадастр ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб гардидааст.

Бинобар ин дар низом ислоҳоти куллӣ шурӯъ гардида, муҳимтарин масъалаҳои он дар ҷамъомад муҳокима гардиданд.

Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард, ки вазифаи асосии мақомоти кадастр роҳандозии барӯихатгирӣ ва ихтиёрдории замин бояд бошад. То охири сол ба роҳ андохтани низоми иттилоотӣ, ки молики маълумот дар бораи намуд, тарҳ, сарҳад ва истифодабарандагони қитъаҳои замин мебошанд, чун вазифа гузошта шуд. Акнун қарор дар бораи ҷудо намудани замин танҳо дар сурате ҳақиқӣ хоҳад буд, ки агар он ба низоми мазкур дохил шуда бошад.

Инчунин супурда шуд, ки шабакаҳои радифи сунъӣ иҷора гирифта шуда, низоми таҳияи сигналҳо роҳандозӣ гардад. Ин барои таҳлили ҳосилнокӣ, ҳолати мелиоративии замин бо роҳи қиёси аксҳои кайҳонӣ, ки дар солҳои мухталиф аксбардорӣ шудаанд, мусоидат менамояд.

Ногузирии рақамӣ намудани идора кардани хоҷагии қишлоқ, роҳандозии ихтиёрдорӣ ва ба ҳисоб гирифтани замин дар Низоми миллии геоинформатсионӣ эътиборан аз соли оянда, таъкид гардид. Дар заминаи то охири сол татбиқ намудани тартиби ҷудо намудани замини муқаррароти хоҷагии қишлоқ дар асоси озмун ва аукциони электронӣ, оптимизатсияи тоифаҳои замин бо ҷалб намудани экспертҳои байналхалқӣ супоришҳо дода шуд.

Ба ӯҳдаи Вазорати хоҷагии қишлоқ гузоштани вазифаи Кумитаи давлатии замин, геодезия ва кадастр барои баҳодиҳии сифати хок, инкишофи замин, ҷойгир намудани намуди кишт ва ҳамчунин Институти илмиву тадқиқотии хокшиносӣ ва агрокимё пешниҳод гардид. Аҳамияти рушди фаъолияти институт ва такомули лабораторияи он аз ҳисоби 87 миллион долларе, ки Бонки ҷаҳонӣ ҷудо менамояд, таъкид гардид. Ба Вазорати хоҷагии қишлоқ то охири сол тайёр намудани таҳлили хок ва харитаҳои агротехнологии замин дар майдони 10 ҳазор гектар супурда шуда буд.

Боз як камбудии соҳа нопуррагии баъзе намудҳои кадастр ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, кадастри роҳҳои автомобилгард 23 фоиз, объектҳои мероси маданӣ 32 фоиз, трубопроводҳо 32 фоиз, кадастри шаҳрсозӣ 63 фоиз иҷро гаштааст. Бинобар ин ба мушовири Сарвазир оид ба рушди IT-технология таъсис намудани гурӯҳи корӣ ва таҳияи пойгоҳи пурраи кадастр супурда шуд.

Дар ҷамъомад масъалаи муайян намудани нархи воқеии замин дар шаҳру деҳот ва ташаккул додани бозори замин ба миён гузошта шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев потенсиали пасти кадрҳои соҳаро таъкид кард, ки ихтисоси 27 фоизи кормандони низоми Кумитаи давлатии замин, геодезия ва кадастр ба соҳаи кумита мувофиқат намекунад. Бинобар ин аҳамияти ба вуҷуд овардани филиали муассисаи олии таълимии хориҷӣ, ногузирии барқарор намудани ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Пиза (Италия) ва Донишгоҳи давлатии геодезия ва картографияи Маскав (Русия) таъкид гардид.

Шахсони масъул дар бобати масъалаҳои муҳокимагардида маълумоти пурра пешниҳод намуданд.

**ЎзА.**



## То охири сол ба миқдори 500 ҳазор доллари ИМА маҳсулот содир карда мешавад

*Дар корхонаи ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ махсусонидашуда, ки дар назди ҶММ «Асадбек ғишт саноати»-и ноҳияи Наманган ташкил карда шудааст, 70 намуди шарбати мева ва пастаи томат истеҳсол мешавад.*

*Корхона се сол муқаддам бо 25 нафар коргар ба фаъолият сар карда бошад, алҳол дар ин ҷо 90 нафар меҳнат мекунанд.*

*Дар сеххҳои коркард, қадоқ, хушконидан ва нигоҳ доштани маҳсулоти корхона шарбату мурабbooҳои бодиринг, помидор, пастаи томат, зардолу, гелос, шафтолу, анҷир, малина, биҳӣ барин меваҷот тайёр ва нигоҳдорӣ мешаванд, ки берун аз мамлакатамон ҳам ба онҳо талабот зиёд. Хусусан, тӯли соле, ки сипарӣ гашт, ба миқдори 100 ҳазор доллари ИМА маҳсулот содир карда шуд. То охири сол ба 500 ҳазор доллар расонидани ин рақам пешбинӣ шудааст.*

*Ба наздикӣ бо мақсади васеъ сохтани ҳаҷми истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба нуқтаи азнавкоркарди ҶММ бо кӯмаки шуъбаи вилоятии «Асакабанк» аз Туркия ускунаҳои нав оварда мешаванд, ки 890 ҳазор доллар арзиш доранд.*



***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***



## 300 нафар занону духтарон бо кор таъмин шуданд

*Дар ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон корхонаи ба истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ ихтисосонидаи ҶММ «Касаба текстил ҳамкор» ба фаъолият шурӯъ намуд. Корхонаи мазкур, ки қимати лоиҳааш 6,5 миллиард сӯмро ташкил медиҳад, тахти ҳамкории Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон ва соҳибкор Қувончбек Ҳайдаров барпо гардид.*

*Таъкид намудан ҷоиз аст, ба лоиҳаи мазкур баъди омӯхтани муаммоҳои занону духтарон ва ҳалли онҳо дар ҳудудҳои ноҳия аз ҷониби гурӯҳи кории ҷумҳурӣ асос гузошта шуд.*

*Хусусан,аз ҳисоби маблағҳое, ки аз ҷониби Бунёди мубориза бар зидди буҳрон ба Федератсияи иттифоқҳои касаба ҷудо шудааст, барои лоиҳа 3 миллиард сӯм равона карда шуд. Ғайр аз ин 3,5 миллиард маблағи соҳибкори ташаббускор низ сарф гардид. Баробари ба кор шурӯъ намудани корхона 300 нафар аҳолии маҳаллӣ бо кор таъмин мегарданд. Аксарияти онҳо занону духтарони шароити иҷтимоиашон вазнин ва то ин дам бекор мебошанд.*

*Корхона дарояндаи наздик фаъолияти истеҳсолии худро васеъ намуда, ҷойи кориро ба 600 расонданист.*

***Дар сурат:*** *дар корхонаи ҶММ «Касаба текстил ҳамкор»-и ноҳияи Марҳамати вилояти Андиҷон.*

***Суратгир: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

## ОЁ ДАР СЕКТОРИ БОНКИ ХУСУСӢ ТАҒЙИРОТИ ПЕШБИНИШУДА ҲАСТ?

**_Дар Ўзбекистон саҳми бонкҳои хусусӣ дар хидмати бозор танҳо 15 фоизро ташкил медиҳад. Аз таҷрибаи байналхалқӣ маълум аст, ки нигоҳ доштани саҳми баланди давлат дар низоми бонк ба рушди умумии низоми мазкур таъсири манфӣ мерасонад. Яъне метавон аз тариқи трансформатсияи бонкҳо бо иштироки давлату кӯмаки идораҳои байналхалқии молиявӣ ва фурӯши онҳо ба сармоягузорони стратегии хориҷӣ ба натиҷаҳои мусбат муваффақ шуд._**

Ба ин тариқ дар бонкҳо низоми идораи корпоративӣ ва хатари менеҷмент такмил меёбад, дуюм, дар низоми бонк қарорҳои нави технологӣ ва таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ бинобар кори бонк ворид мегарданд. Дар ниҳояти кор модели тиҷоратии бонкҳо тағйир меёбад, тамоюли онҳо ба миҷозон зиёд мегардад. Афзун шудани миқдори бонкҳои хусусӣ муҳити рақобатро дар низом пурзӯр карда, дар пешомад сифати хизматро беҳтар мекунад, нархҳо поин мераванд, намудҳои нави маҳсулот ва хизматҳо пайдо мешаванд, микёси хидматрасонии масофавии бонкҳо зиёд гардида, барои аҳолӣ ва соҳибкорон шароитҳои мусоид фароҳам меоянд.

Ҳоли ҳозир дар мамлакат 27 бонк мавҷуд аст, ки 3-то давлатӣ, 11 адад бонкҳои саҳҳомиву тиҷоратӣ, 8 адад хусусӣ ва 5-тоашон муассисаҳои молиявӣ бо сармояҳои хориҷӣ мебошанд.

Маълум аст, ки низоми бонкӣ аз ҳалқаҳои муҳими бозори молиявӣ ба шумор меравад. Бинобар ҳамин ҳам солҳои охир дар мамлакат барои аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ гардондани низом эътибори зиёд дода мешавад, зеро ба шарофати такмил додани қонунгузорӣ имконияти амалӣ намудани фаъолияти озод барои низоми бонкӣ ва идораҳои гуногуни молиявӣ, идораи оқилонаи хатарҳо ва вусъати микёси хидматрасонӣ фароҳам меояд.

Қонун «Дар бораи бонкҳои хусусӣ ва идораҳои молиявию кафолати фаъолияти онҳо» аз 17 декабри соли 2012 ба рушди низом мусоидат менамояд. Қонун барои ҷалби сармояҳои хусусӣ ба соҳаҳои молиявиву бонкӣ, пурзӯр намудани рақобат дар бозори бонкӣ ва хидматҳои дигари молиявӣ, баланд бардоштани дараҷаи хидматрасонӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, ки ба талаботи олии меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ бошанд, хидмат мекунад. Ба тарзи дигар гӯем, алҳол бонкҳои хусусӣ, чун бонкҳои дигар кори худро ба таври умумӣ иҷро мекунанд. Баъзеи онҳо, ҳатто дар лоиҳаҳои созмонҳои байналхалқии молиявӣ иштирок менамоянд.

Вале наметавон гуфт, ки дигаргуниҳои соҳаи бонку молия ба меъёрҳои байналхалқӣ куллан мувофиқат мекунанд, сифати хидмат бошад, ба дараҷаи талабот мебошад. Бинобар ҳамин ҳам Фармони Президент «Дар бораи Стратегияи ислоҳсозии низоми бонки Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2020–2025» аз 12 майи соли 2020 қабул шуд. Дар Фармон шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ барои пешбурди тиҷорати пешқадами бонкӣ дар давраи ислоҳсозии мустақими сектори молиявӣ ва пурзӯр намудани муҳити рақобат дар сектори мазкур муайян карда шуданд. Ҳамчунин қонунҳо «Дар бораи Бонки марказии Ҷумҳурии Ўзбекистон», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи танзими асъор» ва «Дар бораи пардохт ва низоми пардохтҳо» дар таҳрири нав қабул гардиданд, ки ба фароҳам овардани муҳити ҷолиби ҳуқуқӣ, ки ба меъёрҳои байналхалқӣ бахри ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ ба соҳаи молиявӣ мувофиқат мекунанд, нигаронида шудаанд.

Умуман, солҳои охир дар низоми бонки трансфарматсияи куллии сектори бонкӣ ба мақсади рағбатноксозии рушди сектори хусусӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоявӣ ва сифати хидматрасонӣ оғоз ёфт. Шубҳае нест, ки ҳамаи ин дар оянда натиҷаи худро медиҳанд.

**Улуғбек ФАЙЗИЕВ, узви Сенати Олий Маҷлис.**

### Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ АҲОЛӢ, СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ, СОҲАИ ХӮРОКИ УМУМӢ, САВДО ВА ХИДМАТРАСОНӢ БАРОИ КОҲИШ ДОДАНИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ПАНДЕМИЯИ КОРОНАВИРУС

Бо мақсади дастгирии иловагии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, хусусан дар соҳаи хӯроки умумӣ, савдо ва хизматрасонӣ, дар давраи пандемияи коронавирус, нигоҳ доштани даромади онҳо, ҳарчи зудтар баркарор намудани онҳо ба андозаи беҳтар шудани вазъияти санитарию эпидемиологӣ, инчунин нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ:

1. Муқаррар карда шавад, ки:

а) дар давраи аз 1 июли соли 2020 **то 31 декабри соли 2020**:

корхонаҳои хӯроки умумӣ ва корхонаҳое, ки ба пешниҳоди бино ба иҷора махсусонида шудаанд, аз додани андоз аз гардиши корхона озод карда мешаванд;

шахсони ҷисмонӣ аз пардохти андози даромад, ки аз пешниҳоди иҷораи амволи ғайриманқул ба даст овардаанд, озод карда мешаванд;

тартибе, ки ба мақсади андозситонии ставкаҳои ҳадди ақалли пули иҷора барои шахсони ҷисмонӣ, ки амволро (биноҳо ва наклиёти автомобилӣ) ба иҷора медиҳанд, татбиқ мегарданд, боздошта мешавад;

ба иҷорадиҳандагон тавсия дода мешавад, ки дар соли 2020 миқдори иҷорапулиро ба мақсади кам кардани он, аз ҷумла бо назардошти имтиёзҳои андоз аз нав дида бароянд;

б) дар давраи аз 1 апрели соли 2020 **то 31 декабри соли 2020** корхонаҳои хӯроки умумӣ аз пардохти хироҷ барои ҳуқуқи анҷом додани савдои чаканаи маҳсулоти спиртдор озод карда мешаванд;

в) амали имтиёз оид ба кам кардани андозаи маблағи ҷудошудаи корхонаҳои фурӯши яклухти машрубот **аз 5 то 3 фоиз**, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 19 марти соли 2020 №ФП-5969 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба нарм гардондани таъсири манфии пандемияи коронавирус ва зуҳуроти бӯҳрони ҷаҳонӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт" муқаррар шудааст, **то 31 декабри соли 2020** дароз карда мешавад;

г) ба корхонаҳои хӯроки умумӣ ҳуқуқи фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ бо расонда додани онҳо дода мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

### ФИКРИ ДЕПУТАТ

## ИН ОФАТРО ҲАМҶИҲАТОНА БАРТАРАФ МЕСОЗЕМ

**_Саломатӣ – неъмати бузург. Мана, ним сол аст, ки дар шароити пандемияи коронавирус маънои ҳақиқии ин наклро дарк менамоем. Ҳақиқатан ҳам дар давраи карантин бисёр арзишҳо, мазмуни бисёр чизҳои барои мо муҳим куллан тағйир ёфтанд._**

Якчанд моҳ пеш аз воридшавии коронавирус дар натиҷаи аз ҷониби ҳукумат гузошта шудани маҳдудиятҳо, тарғиботи фаъолонаи воситаҳои ахбори оммавӣ ва аз ҳама асосиаш хавфро дуруст пай бурдани халқи мо пеши роҳи беморӣ муддати муайян гирифта шуд. Аммо тавре дар бисёр кишварҳои хориҷӣ рӯй дод, дар мо низ амвоҷи дувуми беморӣ назар ба аввалааш хеле пурқудрат омад. Миқдори беморҳои дар як моҳ аниқшуда ҳоло дар соатҳои маълум муайян мегардад. Мутаассифона, адади фавтидагон низ якчанд маротиба афзуд.

Баланд шудани фишори беморӣ ба сифату самараи фаъолияти духтурону ходимони маркази санитарию осоиштагӣ бетаъсир намонд. Бинобар номутаносибии миқдори ходимони тиббӣ, катҳо, компонентҳои тестӣ бо динамикаи сабзиши беморӣ як қатор душвориҳо ба амал омаданд. Оиди бартарафсозии ин ҳолат дар якчанд ҷамъомадҳо аз ҷониби Президентамон супоришҳои қатъӣ дода шуданд. Таъкид ёфт бояд тамоми чораҳои зарурӣ дида шаванд. Албатта, аз рӯи таъмини иҷрои супоришот катҳои иловагӣ гузошта шуданд, захираҳои зарурии воситаҳои доруворофаг ида шуд, дар ҳолати бемории сабук ба онҳое, ки дар хона табобат меёбанд, ройгон дода шудани дорувор ҷорӣ гашт, миқдори гурӯҳҳои таъҷилӣ, ки ба онҳо кӯмак мерасонанд, афзуд.

Бахри бартарафсозии офат аз ҷониби ҳукумат қадамҳои ҳисшаванда гузошта мешаванд. Аммо бояд эътироф кард, давлат ҳар қадар ҳаракат накунад, аз болои ин душман дар танҳоӣ ғолиб омада наметавонад. Дар ҷанг алайҳи вирус такягоҳи асосии давлат халқ, одамони мо мебошанд. Дар даврае, ки мушкилот тавлид меёбад, аз тамоми шаҳрвандонамон мепурсем худро ва наздиконашонро дар вазъи риоя ба қонуну қоидаҳои карантин эҳтиёт кунанд.

Назар ба муолиҷа пешгирии касалӣ осонтар аст, мегӯяд халқ. Вирус вақте ба мо сироят накардааст, ё бо воситаҳои ҳимоя таъмин бошем, он оҷизу беқувват аст, вале бинобар беэҳтиётӣ ё сабаби дигар ба организми мо дарояд, қувваю қудраташ афзудан мегирад. Баробари мо ба наздиконамон ҳуҷум мекунад. Аз ин боис дар вазъи ба зиммаамон гирифтани тамоми масъулият набояд роҳ гузорем вирус наздик шавад, ба инсонҳои қадрнокамон зарар расонад. Аз бефарқӣ ё истиҳола ба вуҷуд омадани чи қадар муаммоҳо, дардҳо, ҷудоиҳоро ҳамаамон дида истодаем. Бинобар ҳамин аз ҳарвақта бештар ҳушёр шуда, ба бепарвоӣ, лоқайдӣ барин иллатҳо роҳ нагузорем. Бо ин нафақат худамонро нигоҳ медорем, балки баҳри ба беморони вазнин бештар вақт ҷудо карда тавонистани табибон ва дар натиҷаи эътибор солимшавии онҳо ҳисса мегузорем.

Офату фалокатҳои зиёде, ки соли ҷорӣ ба сари халқи мо афтоданд, дар лаҳзаҳои душвор аз як гиребон сарбарории шаҳрвандонамонро намоён сохтанд. Танҳо халқҳои қудратнок хусусияти муттаҳидиро ба зуҳур меоранд. Аҳолиамон исбот намуд аз зумраи ҳамин гуна миллатҳои пешқадам аст. Аз ин рӯ амин ҳастем барои аз вазъияти аз ҳарвақта душвор баромадан қудрат, сабр, матонати халқи мардонавори мо мерасад.

**Наримон УМАРОВ, муовини Спикери Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат».**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГИИ ДАСТГИРИИ АҲОЛӢ, СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ, СОҲАИ ХӮРОКИ УМУМӢ, САВДО ВА ХИДМАТРАСОНӢ БАРОИ КОҲИШ ДОДАНИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ПАНДЕМИЯИ КОРОНАВИРУС

(Аввалаш дар саҳ.1).

2. Аз 1 июли соли 2020 шумораи ҳадди миёнаи солонаи кормандон барои корхонаҳои хӯроки умумӣ **аз 25 то 50 нафар** барои таснифи онҳо ҳамчун ба тоифаи корхонаи хурд, бо ба онҳо паҳн намудани имтиёз ва сабукиҳо, ки ба субъектҳои тиҷорати хурд дода мешаванд, зиёд карда шавад.

3. Тартибе ҷорӣ карда шавад, ки мувофиқи он то 1 июли соли 2021 корхонаҳои хӯроки умумӣ бо қатъ шудани маҳдудиятҳои карантинӣ ҳуқуқ доранд дар қитъаҳои замини холии наздашон конструксияҳои сабукро бепул ҷойгир намоянд ва иншооти сабукро барои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон бо огоҳ кардани ҳокимиятҳои ноҳияҳо (шаҳрҳо) бо назардошти риояи талаботи муваққатӣ оид ба ҷойгиркунӣ, бунёд намудан ва истифодабарии онҳо, ки Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон муқаррар намудааст.

4. Муайян карда шавад, ки дар давраи то 1 июли соли 2021 ба субъектҳои соҳибкорӣ ба андозаи бекор кардани маҳдудиятҳои карантинӣ ҳуқуқи амалӣ намудани **савдо тавассути дӯконҳои мошин, мағозаҳои автомобилӣ, автоприсепҳо, зарфҳои мошин ва фудтракҳо** бо роҳи огоҳ намудани мақомоти давлатии хидмати андоз бо нишон додани мӯҳлат, молҳо ва ҷойҳои савдо, ки барои қарор гирифтани воситаҳои нақлиёт манъ намебошанд, бидуни ба имзо расондани шартнома бо мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо дода мешавад.

Кумитаи давлатии андози Ӯзбекистон қабули огоҳиномаҳои электрониро оид ба оғози савдои сайёр тавассути сайти расмии худ ва иловаҳои мобилӣ таъмин намояд.

5. Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

дар давоми ду рӯз оид ба ҷойгиркунӣ, бунёд намудан ва истифодаи конструксияҳои сабук барои хӯрокхӯрӣ ё истироҳати истеъмолкунандагон дар корхонаҳои хӯроки умумӣ талаботи муваққатиро тасдиқ намояд;

ба муҳлати то 1 январи соли 2021 бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ тартиби кори қаҳвахонаҳои мавсимиро дар корхонаҳои хӯроки умумӣ, инчунин амалӣ гардондани савдои сайёрро тасдиқ кунад.

6. Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2020 дар ҳолатҳое, ки Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон муайян намудааст, барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории андоз пешниҳод накардани ҳисоботи андоз, агар аз мӯҳлати муқаррарнамудаи пешниҳоди ҳисоботи андоз беш аз панҷ рӯз нагузашта бошад, ҷарима ситонида намешавад.

7. Амали имтиёзҳои андоз ва сабукиҳо, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 18 майи соли 2020 №ФП-5996 «Дар бораи чораҳои навбатӣ оид ба дастгирии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи пандемия аз коронавирус» муқаррар шудааст, **то 31 декабри соли 2020** дароз карда шавад:

а) барои озод кардан аз пардохти андози амвол ва андози замин барои:

субъектҳои соҳибкории хурд;

бозорҳо ва маҷмӯъҳои савдо, кинотеатрҳо, корхонаҳои хӯроки умумӣ, корхонаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, муассисаҳои варзишиву солимгардонӣ, инчунин шахсони юридикие, ки фаъолияти мусофиркашониро анҷом медиҳанд, хизматрасонии маишӣ, пешниҳоди бино барои иҷора, аз ҷумла барои зиёфатҳо;

б) оид **ба кам кардани меъёри андози иҷтимоӣ** барои микрофирмаҳо ва корхонаҳои хурд **аз 12 то 1 фоиз**, ба истиснои истеҳсолкунандагони маҳсулоти зераксизӣ, корхонаҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқие, ки дар фонди оинномавӣ (сармояи оинномавӣ) ҳиссаи давлат ба миқдори 50 фоиз ё бештар аз он мебошанд;

в) оиди ба микрофирмаҳо ва корхонаҳои хурд, ки бо фаъолияти иқтисодии хориҷӣ машғуланд, на камтар аз як соли то рӯзи мурочиат ба мақомоти гумрук дода шудани **батаъхиргузорӣ дар пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози аксизӣ**, ки ҳангоми воридоти молҳо ситонида мешаванд, ба истиснои молҳои истеъмолӣ, бо пардохти минбаъдаи маблағи батаъхиргузоштташуда бо ҳиссаҳои баробар дар давоми 120 рӯз;

г) оид ба **боздоштани ҷарима, ки дар микрофирма ва корхонаҳои хурд то ҳолати 15 майи соли 2020** оид ба андоз, пеня ва ҷаримаҳои барои вайрон кардани қонунгузории андоз ҳисобшуда **қарздорӣ мавҷуд мебошанд**.

Муайян карда шавад, ки истифодаи меъёри камкардашудаи андози иҷтимоӣ аз ҷониби корхонаҳои хӯроки умумӣ новобаста аз шумораи кормандон амалӣ карда мешавад.

8. Мақомоти ваколатдор мӯҳлати эътибори шаҳодатномаҳои тахассусии аудиторҳо, риэлторҳо, нархгузорҳо, актуарҳо, мудирони дорухонаҳо ва филиалҳои онҳо, кормандони ташкилотҳои туристӣ ва гидҳо (роҳнамо), омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, ки 1 марти соли 2020 ба охир мерасанд, то санаи имтиҳони навбатии тахассусӣ дароз кунанд.

9. Амали андози даромад, андози арзиши иловагӣ, андоз аз гардиш ва андози даромади шахсони ҷисмонӣ дар қисми интиқоли ройгон (гирифтани ёрии ройгон) ба Фонди ҷамъиятии хайрияи Ӯзбекистон «Маҳалла», Бунёди «Саховат ва кӯмак», Фонди ҷамъиятии «Ӯзбекистон меҳр-шафкат ва саломатлик», аз ҷумла филиалҳои онҳо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳри Тошканд, ноҳияҳо ва шаҳрҳо **то 31 декабри соли 2020** дароз карда шавад.

Ба эътибор гирифта шавад, ки кӯмакпулиҳо барои оилаҳои дорои фарзандони то 14-сола, инчунин кӯмакпулӣ барои модарон оиди нигоҳубини кӯдак то синни ду солагӣ ҳангоми ҳисоб кардани андози даромади шахсони ҷисмонӣ ба даромадҳои умумӣ дохил карда намешавад.

10. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 20 июли соли 2020.*

# ШОИРИ ХАЛҚИИ ӮЗБЕКИСТОН ШУКРУЛЛО ЮСУПОВ



Адабиёт ва фарҳанги Ӯзбекистон талафоти гарон дид. 19 июли соли равон дар 99-умин соли умр Шоири халқии Ӯзбекистон, нависанда ва драматурги шинохта Шукрулло Юсупов вафот кард.

Шукрулло Юсупов 2 сентябри соли 1921 дар шаҳри Тошканд таваллуд шуд. Соли 1944 факултаи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд (ҳоло – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд)-ро бинобар ихтисоси муаллими забон ва адабиёти ӯзбек хатм кард.

Ш. Юсупов фаъолияти меҳнатиашро аз мактаби миёнаи рақами 1-уми шаҳри Тошканд оғоз намуд, сипас дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ҳоло Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек) таҳсил кард, дар Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ба сифати мушовири адабӣ, дар Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом ҳамчун муҳаррир кор кард.

Шукрулло Юсупов шоир, носир ва драматурги моҳир буда, роҳи бузурги эҷодӣ ва ҳаётиро тай намуд, бо асарҳои пурмазмуни худ дар рушди адабиёт ва санъат саҳми назаррас гузошт. Маҷмӯаи асарҳои ӯ «Илҳом», «То даме, ки мезиям», «Инсон ва некӯӣ», «Ҷузвҳо», «Инсон барои инсон», «Такягоҳ», «Зистан мехоҳам», «Бахти ту», «Армуғони баҳор», «Ситораҳо», достонҳои «Мӯйсафедон», «Ду қулла», «Субҳидами 26-ум», асарҳои насрии «Сандуқи ҷавоҳирот», ки тӯли тақрибан ҳаштод соли фаъолияти эҷодиаш навиштааст, дар хазинаи адабии халқи мо ҷойгоҳи мустаҳкам доранд.

Дар асарҳои мазкур сифатҳои хоси мардуми мо, суннатҳои олии маънавиву ахлоқӣ, эҳсоси муҳаббат ва садоқат ба Ватан тавсиф гардидаанд.

Бисёр асарҳои шоири номӣ ба забонҳои қароқалпоқӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, озарӣ, русӣ, туркӣ, арабӣ ва ғайра тарҷума ва нашр шудаанд.

Шукрулло Юсупов дар жанри драматургияи адабӣ низ пурмаҳсул кор кардааст. Драмаҳои «Дуздони табассум», «Роҳи хатарнок», «Роҳзан duздро ғорат кард», «Боғи мотам», ки ба қалами ӯ тааллуқ доранд, дар театрҳои кишвари мо ва хориҷа бо муваффақияти азим намоиш дода шудаанд.

Ш. Юсупов осори К. Готси, Ш. Петефи, Т. Шевченко, Қ. Қулиев, дигар шоирон ва нависандагони хориҷиро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, дар таҳкими риштаҳои маънавии байни халқҳо саҳм гузошт.

Дар ибтидои солҳои панҷоҳуми асри гузашта адиб бо як гурӯҳ намояндагони зиёиёни эҷодӣ гирифтори таассуби сиёсӣ гардид. Баъдтар ному эҷодиёти ӯ сафед шуд ва дар роҳи рушди адабиёт фаъолона кор кард. Дар романи «Мурдагони бекафан» адиб дар мисолҳои ҳаётӣ ин санҷишҳои душвор ва ноадолатиҳоеро, ки халқ аз сар гузаронид, воқеъбинона тасвир кардааст.

Шукрулло Юсупов истиқлолияти Ӯзбекистонро бо хушнудӣ истиқбол гирифт. Дар ин давр ӯ баробари эҷодиёти пурмаҳсул дар ҳаёти ҷамъияти халқ фаъолона ширкат ҷуст, ба таҳкими асосҳои маънавиву маърифатии истиқлолият хидмат кард. Дар маҷмуаи бадеиву публитсистии «Дунёи интиқомгир» ва романи ёддоштии «Рӯҳҳои зинда», ки тӯли солҳои истиқлолият нашр гардиданд, вай сифатҳои беҳтарини инсонро бомаҳорат инъикос намуд. Ин асарҳо дар адабиёти ватан ба сифати ҳодисаҳои муҳим эътироф шудаанд.

Нависандае, ки таҷрибаи ғании ҳаётӣ дошт, бо меҳнатдӯстӣ, самимият ва ғамхориаш нисбат ба ҷавонон дар байни ҷомеаи адабӣ нуфузи баланд пайдо кард. Вай сазовори унвонҳои ифтихории Ходими хидматнишондодаи фарҳанг, Шоири халқии Ӯзбекистон, Ҷоизаи давлатии ба номи Алишери Навоӣ буд, бо орденҳои «Дӯстлик», «Эл-юрт ҳурмати» ва «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида шудааст.

Хотираи дурахшони шоири машҳур, мураббии ғамхор, инсони меҳнатдӯст ва хоксор Шукрулло Юсупов дар қалбҳои мо боқӣ хоҳад монд.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, С. САИДОВ, Ё. АҲМЕДОВ**

## ХАБАРҲО

### Духтурони фидоӣ

***Мошинҳое, ки дар ихтиёри истгоҳи ёрии таъҷилии шаҳри Тошканд мебошанд, имкон доранд рӯзе то 2 ҳазор даъватро қабул ва ба бемороне, ки муроҷиат кардаанд, кӯмак расонанд.***

Вале ҳоло, бинобар сабабҳои маълум, даъватҳо то 3 баробар афзудаанд. Мошини ёрии таъҷилӣ ё дер меравад, ё имкони расида рафтан надорад. Дар ҳамин гуна вазъияти мураккаб ихтиёриёне, ки ба беморон ёрӣ расондан мехоҳанд, намунаи олии инсонигарӣ нишон медиҳанд. Дар тасарруфи истгоҳи ёрии таъҷилии пойтахт «Маркази call» ташкил гардид, ки ба он директори коллеҷи тиббии Чилонзор Ҳусниддин Раҳмонов сару бар аст. Call барои кӯмаки бевоситаи тиббӣ асоси ҳуқуқӣ надошта бошад ҳам, мутахассисони таҷрибанокро фаро гирифта, дар навбати аввал дараҷаи муроҷиатҳои аҳолӣ ба ёрии таъҷилиро месанҷад. Ин имкон медиҳад ёрии таъҷилӣ даставвал ба ҷое ҳаракат намояд, ки зарурат бештар аст. Онҳое, ки ба Call пайвастаанд, маслиҳатҳои зарурии тиббӣ мегиранд. Баробари мутахассисони фидоӣ донишҷӯёни донишкадаҳои тиббии пойтахт низ ба марказ ҷалб шудаанд. Назар ба таъкиди Ҳ.Раҳмонов, ба наздикӣ зану шавҳари шифокоре ба марказ пайвастанд, ки нав ба рухсатии меҳнатӣ баромадаанд. Ҳар ду ба ҷои лозимӣ бо мошини шахсиашон мераванд, ба бемор кӯмаки беғаразона расонда, дар дафъсозӣ аз коронавирус ва бартарафсозии оқибатҳои он ёрӣ мерасонанд.

### Сӯх – аз коронавирус холӣ

***Баҳри пешгирии дохилшавӣ ва паҳншавии коронавирус дар саросари вилояти Фарғона, минҷумла, дар ноҳияи дурдасти Сӯх низ корҳои васеъмиқёс ба иҷро расонда мешаванд. Саъю ҳаракатҳои якҷояи ҳокимият, корҳои дохилӣ, додситонӣ ва шуъбаи ноҳиявии маркази маърифату маданият самараи худро мебахшад.***

Дар тамоми маҳаллаҳои ноҳия, хусусан, воридгоҳи маҳаллаҳо блокпосгоҳҳо ҷойгир шуда, вазъият таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирифтааст. Корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, ки байни аҳолӣ пеш бурда мешаванд, ба боло шудани маданияти тиббии шаҳрвандон, риоя ба қоидаҳои санитарӣ ва эътибор ба саранҷомию сариштагӣ мусоидат месозанд. Беморхонаи касалиҳои сироятkунанда воқеъ дар деҳаи Ҳушёр бо ускунаҳои зарурии тиббӣ ҷиҳозонида шудааст. Вазъияти тиббии ноҳия, айни замон, таҳти назорати доимии садорати тандурустии вилоят қарор дорад. Бинобар он ки ноҳия дар иҳотаи ҷумҳурии ҳамсоя қарор дошта ва роҳҳо баста шудаанд, дар вақти зарурат аз вертолётҳо истифода бурда мешавад. Назар ба маълумотҳо, беморон ҳастанд, чораҳои қатъии карантин андешида шудаанд, вале беморе, ки дар Сӯх ҷиддан ба коронавирус печидааст, ҳанӯз ба қайд гирифта нашудааст.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### ДОВТАЛАБОНРО ҚАБУЛ КАРДАНД

***Дар вилояти Ҷиззах ду муассисаҳои олии таълимӣ – Донишкадаи давлатии омӯзгории Ҷиззах ва Донишкадаи политехникӣ фаъолият мекард. Соли гузашта тибқи қарори Девони Вазирон як бахши Донишгоҳи миллӣ ифтитоҳ ёфта буд. Он вақт дар шаш самт ҳамагӣ 225 нафар довталабонро қабул кардаанд.***

Назар ба гуфти директори бахши мазкур Олим Тӯрақулов мувофиқи Қарори Президент «Дар бораи параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба қабул барои таҳсил ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2020/2021» аз 12 июни соли 2020 ба ин бахш нисбати соли гузашта бештар, яъне 675 нафар довталабонро қабул карданд. Барои баланд бардоштани сифати таълим аз Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва Донишгоҳи миллӣ докторҳои илм, профессорон ҷалб гардиданд. Ба фарзандони оилаҳои камбизоат як қатор имтиёзҳо мавҷуданд. Дар сурати ба донишгоҳ қабул гардидан онҳо аз ҳисоби буҷаи давлатӣ мехонанд.

– Ҳоло дар бахши донишгоҳ Маркази ахборот ва маслиҳат амал мекунад, – мегӯяд масъули он Хуршед Дӯсанов. – Ба пурсишҳои алоқамандон мунтазам посух медиҳанд. Ин боргоҳи дониш барои ҷавононро ба донишандӯзӣ ҳидоят намудан нақши муҳим дорад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*



*10 сол аст, ки хоҷагии фермерии «Ҳасанҷон-Ҳусанҷон Муян полвони»-и шаҳри Қувасойро ба хоҷагии серсоҳаи фермерӣ баргардонданд.*

*Алҳол ин ҷо 250 сар говҳои шохдори наслдор парвариш меёбанд. Зиёда аз 70 сари онҳо говони ширдеҳ мебошанд. Аз онҳо рӯзе 750-800 литр шир дӯшида ба шабакаҳои аз нав коркарди шири вилояти Андиҷон расонда медиҳанд.*

*Дар 2 гектар майдон хоҷагии моҳипарварӣ сол аз сол рушд меёбад. Ба кӯли хоҷагӣ тухми намудҳои моҳии дӯнгпешонии сафед, амури сафедро сар доданд. Онҳо дар назорати ҳаррӯза мебошанд.*

*Дар 8 гектар боғи хоҷагии серсоҳа дарахтони себ, гелос, олхӯрӣ ғарқи меваанд. Онҳо пайи ҳам мепазанд. Аз ҳосили гелос даромади калон гирифтанд.*

*Себ низ харидорони худро дорад. Навъи сиёҳранги олхӯриро давои дил мегӯянд. Сол аз сол аз ин меваҳо даромади зиёд мегиранд.*

***Дар сурат:** дар хоҷагии фермерии «Ҳасанҷон-Ҳусанҷон Муян полвони»-и шаҳри Қувасой.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## МУНОСИБАТ

### “БА ДАЪВАТИ САРВАРИ ДАВЛАТ ҲАМОВОЗЕМ!”

***Профессорону устодони Донишгоҳи тиббии Андиҷон бо ироаи як муроҷиатнома ба даъватҳои Президент Шавкат Мирзиёев ҳамовоз будани худро эълом кардаанд.***

Дар муроҷиатнома омадааст, ки дар ин рӯзҳои пурташвиш ва ногувор мардуми кишвар муттаҳид шуда, бо пеш гирифтани сабру таҳаммул зидди пахшу паҳншавии ин беморӣ ҷиддан мубориза мебаранд.

“Дар мубориза бо пандемия давлатҳои абарқудрат низ оҷиз мондаанд. Бо вуҷуди ин, мардуми мо ба ташаббусҳои сарвари давлат ва таклифу пешниҳоди ӯ ҷиҳати мубориза бар зидди ин бемории хатарнок ҳамраъй будани худро намоиш медиҳанд”, зикр ёфтааст дар муроҷиатнома.

Дар он боз гуфта мешавад, ки мубориза беш аз пеш доман фарох кардааст ва дар он сохторҳои давлативу хусусии соҳаи тиб, тамоми идораву муассисаҳо сафарбар шудаанд. Ҳамчунин, шифокорон дар ин самт фидокориҳои беназир нишон медиҳанд, боло рафтани фарҳанги мардум бошад, ба ҳайси силоҳи асосӣ дар ин мубориза хизмати шоистаро анҷом медиҳад.

Ба ибораи Шавкат Мирзиёев “фақат дар натиҷаи сафарбарии босуръату мунтазам, интизоми оҳанин, фарҳанги тиббӣ, ҷаҳонбинии воло алайҳи ин беморӣ мубориза бурда метавонем”.

Профессорону устодони Донишгоҳи тиббии Андиҷон дар ҷавоб ба ин даъватҳои сарвари давлат чораҳои хос пиёда мекунанд ва дар ин шароити мураккаб ба сифати ихтиёриён ба шаҳру ноҳияҳои вилоят баромада, ба аҳолӣ кӯмакҳои зарурии тиббӣ мерасонанд. Зеро дар шароите, ки мардум ба ёрии тиббии онҳо эҳтиёҷи зиёд эҳсос менамоянд, бар асоси қасамёди худ ҳақ надоранд, ки тамошобин шуда нишинанд.

Дар он ҳамзамон аз мардуми кишвар даъват шудааст, ки дар шароити кунунӣ ба қоидаҳои карантин қатъӣ риоя кунанд ва дар хона монанд. Зеро ин роҳи ягона ва осонтарини мубориза бо пахши пандемияи коронавирус мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти АНДИҶОН.*

***Ин экспресс-тест аз Куриёи Ҷанубӣ оварда шуд. Он дар 5-10 дақиқа инфексияи коронавирусро дар узви инсон муайян мекунад. То ин муддат дар мамлакати мо барои муайян кардани коронавирус аз усули диагностикаи ПЗР ё реаксияи занҷири полимераз истифода мекарданд.***

### Ба Фарғона чор ҳазор дона экспресс-тест оварданд

Чунин усул ҳадди ақалл 6-8 соатро дар бар мегирад. Баъзан ҳатто лозим меояд, ки 5-6 рӯз натиҷаи тестро одамон мунтазир шаванд. Бештар ронандагони мошинҳои боркаш ба ин мушкилот дучор мешаванд, вале минбаъд ба чунин интизор шудани онҳо ягон ҳоҷат нахоҳад монд.

– Дар айни ҳол як қисми ин тестҳо ба вилоят оварда шуд. Онҳо ғайр аз он ки сироятшавӣ ба коронавирусро муайян мекунад, ҳамчунин нишон медиҳад, ки бемор оё қаблан ба ин вирус сироят шудааст ё на.

Ҳоло аз экспресс-тестҳо барои муайян кардани сирояти ин вирус дар гузаргоҳҳои марзӣ, ташкилотҳо ва корхонаҳои нисбатан бузурги вилоят истифода хоҳанд кард. Ҷиҳати афзалиятноки он дар ҳамин аст, ки вақтро хеле сарфа мекунад.

**Файзулло ИБРОҲИМОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## АХЛОҚ

### ПОКИЗАКОРӢ НИСФИ ИМОН АСТ

Ҳар субҳ аз истгоҳ то ба ҷойи кор тавассути кӯчабоғи маркази шаҳр, ки то ба хиёбони Амир Темур мерасад, мегузарам.

Пеш аз пандемияи коронавирус ин ҷо аз меҳмону сайёҳон пур буд. Ҳоло низ қадами одамон канда нашудааст.

Биноҳои баланду замонавӣ ва кабудизори атрофи он баҳри дилатонро мекушояд. Чор сӯ гулу гулзор. Дарахту буттаҳои хушманзара ба зебоии он меафзояд. Аммо гоҳо гувоҳи манзараи нозеб мешавам, аз чӣ сабаб бошад, қуттиҳои сементию оҳании партов, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷо гузошта шудааст, чаппа шуда хоб мераванд, ё шикаставу порашуда, партови он пошхӯрда. Ва вақти бозгашт аз кор мебинам, ки қуттиҳо ба ҷойи худ гузошта шудаасту атроф саранҷому саришта.

Баъди чунин воқеа саволе пайдо мешавад: чӣ гуна инсонҳое ҳастанд, ки меҳнати пурмашаққати ҳаррӯзаи фаррошонро зери пой мекунанд?

Моҳи майи соли ҷорӣ пули сеқабата ва дар назди он нахустин табобатхонаи миллии бачагона дар ноҳияи Яшнободи пойтахт сохта, ба истифода супурда шуд.

Пӯшида нест, ки агар дар ягон қисми роҳ кори сохтмон ё ки тармиму таҷдид бурда шавад, дар дигар роҳҳо муаммоҳо ба вуҷуд меоянд. То ба охир расидани сохтмони ин пул низ аҳолӣ аз зичиву тирбандии нақлиёт азияти зиёдеро паси сар карданд.

Намуди зебо, рангҳои омехта бо ландшафти он машаққати порсоларо фаромӯш сохт. Аммо дар ин ҷой низ алҳол бастаҳои яхмосу писта, коғазпораву баклажкаҳоро мебинем, ки таассуфовар аст.

Ба фикрам, нафароне бегоҳии тобистон истироҳат мекунанд ва ғундоштани партовро «фаромӯш».

Дар як филми ҳуҷҷатие, ки ба рушди маданият ва иқтисоди босуръати Ҷопон бахшида шудааст, сухан дар бораи манбаи асосии тараққиёт – тарбияи кӯдак меравад. Дар Ҷопон ба тарбияи кӯдак баробари волидон устоду мураббиён низ масъул шуморида мешаванд. Дар кӯдакистон ва мактаб фаррошҳо қариб, ки нестанд. Ба тозакорӣ хонандагон ва муаллимони онҳо ӯҳдадоранд.

Ҷопон яке аз мамлакатҳои рушдёфтаи дунё ба шумор меравад. Мардум дар сатҳи баланди иқтисодӣ умр ба сар мебаранд, аммо волидон қатъи назар аз мавқеи иҷтимоӣ ҳеҷ гоҳ монеъ намешаванд, ки фарзандашон баъди таҳсил ба тозакорӣ банд шавад. Бо ин роҳ ба хонанда аз овони кӯдакӣ баробари қадр кардани меҳнати худ, қадр кардани меҳнати атрофиён низ омӯзонида мешавад. Дар охири филм фикри мутахассисоне шунавонида шуд, ки чунин усули тарбияро тарафдорӣ мекарданд.

Ҳоло вақти дар мо низ ҷорӣ кардани намуди чунин тарбия расидааст, ки ин ҳам ба фоидаи насли наврас ва ҳам ба фоидаи ҷамъияту табиат мебошад.

Ғайр аз ин, ҷопонҳо бо эътиборашон нисбат ба покизакорӣ аҳли оламро дар ҳайрат гузоштаанд. Баъди ба охир расидани ҳар як бозии дастаи миллиашон дар Ҷоми ҷаҳон оид ба футбол, ки соли 2018 дар Русия баргузор шуд, тамошобинони ин кишвар гирду атрофи стадион, иштирокдорони он хонаҳои либоспӯширо ба саранҷом меоварданд, ки барои ҳамаи мо намунаи ибрат шуда метавонад.

Дар ислом низ покизакориро нисфи имон гуфтаанд ва боз аз роҳ гирифта партофтани чӯб, партов ва шоху пасмондаҳои ба одамон халалрасонро намуди оддитарини савоб шуморидаанд. Бинобар чунин ақидаҳои диниву миллӣ аҷдод ба покизакорӣ эътибори алоҳида нигаронидаанд, ки хуб мешуд мо низ давомдиҳандаи он бошем.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

БУЗУРГДОШТ

# ДОНИШМАНДЕ, КИ ЧУН «АВВАЛИН» МОНД

***Панҷоҳ сол қабл аз ин олим ва арбоби намоёни ҷамоатию давлатӣ Тошмуҳаммад Қорӣ-Ниёзӣ чашм аз ҷаҳон пӯшид.***

***Вале азбаски фарзанд ва шогирдони сазовор аз худ гузошт, умри маънавиаш ҳанӯз бардавом. Манзиле, ки дар Тошканд ба сар бурд, дурдонаҳое, ки дар китобхонаи шахсиаш маҳфуз дошта мешуданд, ба ихтиёри алоқамандони илм ва фан вогузор шуданд.***



Бо табассуми маънидор мегуфтанд, чун Қорӣ-Ниёзӣ падари серфарзанд набудагист: вай солҳои дароз дар масканҳои таълими олӣ маърӯза хонд ва ба ҳар донишҷӯ чун ба фарзанди худаш муомила ва муносибат менамуд. Чаҳор-панҷ дақиқаи дарси худро ҳатман ба «панду насиҳати фарзандон» мебахшид падар ва устоди бузургвор. Аз Ибни Синою Форобӣ, Рӯдакию Саъдӣ иқтибосҳо меовард, фикр ва фармудаҳои хирадмандонаи онҳоро таҳлил карда медод. Гӯё нафақат математик, балки филолог низ мешуданд шогирдонаш. Аз байни онҳое, ки ӯ сабақ додааст, олимони намоёне чун Муҳаммад Ӯрозбоев, Халил Раҳматуллин, Саъдӣ Сироҷиддинов, Сергей Стародубсев, Восил Қобулов, Содиқ Азимов ва ҳоказо баромаданд, ки мутааллиқ ба миллатҳои гуногун мебошанд.

Худи ӯ аз кӣ таълим гирифт?

Падар буд нахустустоди ӯ, мактабдори «мактаби кӯҳна» ҳамчунин, ки бо кӯмаки онҳо алифбои арабиасосро омӯхт, аз адабиёти классикиамон бархурдор гашт.

Аз хурдсолӣ ба мутолиаи адабиётҳое шурӯъ сохт, ки бо форсӣ-тоҷикӣ ва туркӣ навишта шуда буданд. Русиро низ мукаммал аз бар намуд. Бо шарофати сабақҳое, ки аз донишманди рус В. Романовский бардошт, аз мӯъҷизоти олами риёзиёт бархурдор гашт. Мегуфтанд риёзӣ бо ифодае раёзат, яъне ранҷу азоб аст. Вале Қорӣ-Ниёзӣ аз мушкилоти ин фан наҳаросид. Аз байни олимони маҳаллӣ нахустин шуда оиди математика китобҳои дарсӣ таълиф намуд. Тавре устодаш В. Романовский қайд карда: «Ба математикаи ӯзбек Қорӣ-Ниёзӣ оғоз бахшид. Баробари офаридани китобу дастурамалҳо барои мактабҳои миёна ва олӣ, яъне таълифи аввалин адабиёт доири математика забони математикаи ӯзбекиро низ бунёд намуд».

Бо вуҷуди дар вазифаҳои гуногун кор кардан ва чун роҳбар адои вазифа намудан ба корҳои илмӣ ва таълифу тасниф вақт мeёфт. Бештар аз сесад асарҳои илмӣ, монография ва мақолаҳояш бо ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расидаанд. Асарҳои молик ба характери методологияш қобили таваҷҷӯҳ ва ҳоло ҳам онҳо аҳамияти худро гум накардаанд. Тадқиқоти математикию астрономиаш дар равнақи ин фанҳо дар Осиёи Марказӣ саҳм гузоштанд. Ӯ мероси бузурги риёзидонҳои классикиро низ амиқ омӯхт, хусусан, «Зичи Курагонӣ»-и Мирзо Улуғбекро дақиқ баррасӣ сохт, дастхати Маҳмуд Чағминӣ доир ба ин асарро таҳқиқ кард ва монографияе офарид бо унвони «Мактаби астрономии Улуғбек». Барои ин асараш ба гирифтани Мукофоти давлатӣ сазовор гашт.

Мегӯянд, аввалин номзади фан, ки дар Ӯзбекистон аз байни мардуми маҳаллӣ баромад, Қорӣ-Ниёзист. Нахустин доктор, профессор, академик, ректори донишгоҳ, президенти АУ Ӯзбекистон низ маҳз ҳамин донишманди номвар мебошад.

Ӯ, айни замон, аввалин Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ аз байни олимони Ӯзбекистон ба шумор мерафт.

Олим ва педагоги барҷаста, арбоби намоёни ҷамоатию давлатӣ Қорӣ-Ниёзӣ дар ҳаёти шахсию оилавӣ низ ба ҳама ибрат буд. Ҳамсари бовафояш Оишахон, айни замон, фидоии фан, яке аз аввалин паҳнкунандагони нури ирфон дар Фарғона аст.

Охири соли 1917. Бинои мактаби русӣ-туземӣ ба ихтиёри дабистони маҳаллии давраи нав супурда шуд. Нахустин устоди таълимгоҳе, ки бо ташаббуси Қорӣ-Ниёзӣ дар Фарғона кушода шуд, Оишахон Ӯразаева ҳисоб мeёфт.

Тошмуҳаммаду Оишахон барои ба тартиб андохтан, яъне омодасозии бинои мактаб ҷон коҳонданд. Бинобар нарасидани шиша лозим омад, ки ба тирезаҳо коғаз ва картон часпонанд.

Ҳарду нақшаи таълимӣ кашиданд, аммо китоби дарсӣ нест. Оишахон аз китобҳои дарсие, ки бо русӣ навишта шудаанд, истифода мебурд, конспект менавишт. Тошмуҳаммад ба вай кӯмак мекард.

Дар моҳи аввал наздик 40 нафар ба мактаб ҷалб шуд.

Ҳ. Ҳакимзода аз Қӯқанд омада меистод, ба бачаҳо дарс медод. Охири сол Додомуҳаммад ном шахси зиёӣ низ ба сафи устодон ҳамроҳ гашт. Кори О. Ӯразаева ва Т. Қорӣ-Ниёзӣ як андоза сабук шуд.

Зодгоҳи О. Ӯразаева деҳаи Аввал аст, ки дар назди шаҳри Фарғона ҷойгир шуда, аз қадим дар он тоҷикону ӯзбекон ба сар мебаранд. Падари Оишахон бошад, аз қазоқҳои дар Аввал ӯзбекшуда ҳисоб мeёфт ва дар ин ҷо духтари ӯзбекро ба занӣ гирифт. Панҷ фарзанд ёфт. Оишахонро хононд. Афсӯс, ҳаётро бармаҳал тарк гуфт ва таъминоти оила ба гардани Оишахон бор гашт. Хондагӣ бошад ҳам Оишахон дар Фарғона кори дилхоҳ наёфт. Ба ҷустуҷӯи кор ба Андиҷон рафт, дар мактаби русӣ-туземӣ чун муаллима фаъолият намуд.

Он вақтҳо бефаранҷӣ гаштани духтари маҳаллӣ ба замми ин дарс додан аз забони русӣ ҷасорати калонро талаб месохт. Рӯзномаи «Андижанские ведомости» аз ҷумла ин тавр қайд карда буд: «Дар имтиҳони мактаби Андиҷон аввалин шуда Оишахон Ӯразаева иштирок кард. Вай либоси оддии аврупоӣ ба бар дошт. Вақте бо русӣ сухан меронд ва ҳамқабилаҳояшро аз имтиҳон мегузаронд, ҳама лаб аз гуфтор мебастанд».

Оишахон баъдтар ба Фарғона баргашт. Бо Т. Қорӣ-Ниёзӣ, ки он асно ҷавоне буд оташқалб, паҳлӯ ба паҳлӯ кор кард. Фурсате фаро расида буд, ки ду муаллими ҷавон барои худ рафиқи ҳаётӣ ёбанд.

Т. Қорӣ-Ниёзӣ дар «Мактаби ҳаёт» ном китоби хотироташ навиштааст: «Рафиқи муносиби ҳаётӣ ёфта гирифтани писар ва духтар дар давраи балоғат яке аз масъалаҳои мураккаби ҳаётист».

Тошмуҳаммаду Оишахон чун рафиқи муносиб ва мувофиқи ҳаётӣ якдигарро интихоб намуданд.

Вақти изҳори ишқ байти машҳури Хоҷа Ҳофиз:

*Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.*

ба Тошмуҳаммад ҷасорат бахшид ва онро ифоданок хонд.

... Баъди чанд моҳ тӯйи арӯсиашон баргузор гардид.

Дар бораи оила ва муҳаббат Қорӣ-Ниёзӣ мулоҳизоти дақиқ дошт.

Муҳаббат эҳсоси пок аст, ақида дошт Қорӣ-Ниёзӣ, ишқ ин покизагист. Муҳаббат, аз ин нигоҳ, бояд ҳақиқӣ, оличаноб ва бо маънои васеъ бошад. Хушсуратӣ дар он кифоя нест, инсон дар навбати аввал бояд ба хушсиратӣ эътибор диҳад, қайд карда буд Қорӣ-Ниёзӣ дар «Мактаби ҳаёт».

Номи нек ва хотираи бузургворе, ки дар роҳи равнақи илму таълим хидмати босазо кард ва тухми накӯкорӣ пошид, аз лавҳи ёди халқ ҳеҷ вақт зудуда намешавад.

**М. ШОДИЕВ.**

АЗ ПАЙИ ЯК МАКТУБ

# “МАН ДАР ХУДКУШИИ КАСЕ ДАСТ НАДОРАМ!”

Ба идораи рӯзнома номае расид аз номи мудири шуъбаи муассисаҳои таълимии томактабии ноҳияи Баликчии вилояти Андиҷон Сайёра Хонкелдиева, ки дар айни замон аз ин вазифа муваққатан озод шудааст.

“Баъди ба вазифа таъин шуданам кӯшиши зиёд ба харҷ додам, ки фаъолияти муассисаҳои таълими томактабӣ беҳбуд ёбад. Дар ин миён мудири муассисаи таълими томактабии рақами 11-уми ноҳия Гулчеҳра Хӯҷақулова ногаҳон даст ба худкушӣ зад ва баъди ин ҳодиса ба ҳайси мудири МТТ мавриди таънаву маломати “фаъолон”-и шабакаҳои иҷтимоӣ қарор гирифтам...» – навиштааст ӯ.

“Гоҳ-гоҳ овозаҳо дар бораи Гулчеҳра Хӯҷақуловаро мешунидам, ки аз бемории равонӣ шикоят мекунад ва ҳаёти оилавиаш низ чандон хуб нест. Гулчеҳра танҳо баъди издивоҷи дуюм соҳиби як духтарча шуд. Шавҳараш намехост, ки Гулчеҳра ҳомила шавад. Аз ин рӯ, баъди ба дунё омадани духтарча ба назди ҳамсари якумаш баргашт. Ин ҳол низ ба рӯҳияи Гулчеҳра бетаъсир намонд”, зикр шудааст дар нома.

Сайёра Хонкелдиева боз навиштааст, ки вайро дар тороҷи садҳо миллион сӯм низ муттаҳам мекарданд, вале бинои муассисаи таълими томактабии рақами 11, ки мудирии онро Гулчеҳра Хӯҷақулова бар ӯҳда дошт, ҳанӯз моҳи августи соли 2019, яъне то таъини ӯ ба ин вазифа мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта буд.

...Сохтмони бинои нав марбути ОКС ё шуъбаи сохтмони капиталии Вазорати таълими томактабии ҷумҳурӣ буд ва ман ба ин сохтмон ягон алоқа надоштам. Зимни таҳқиқ маълум шудааст, ки маблағи зиёди давлатро ба тороҷ бурдаанд. Хоссатан, баъзе корчаллонҳо бо сӯиистифода аз вазъи равонии Гулчеҳра Хӯҷақулова барои ба тороҷ бурдани ин маблағ кӯшидаанд ва ҳоло мавриди бозпурсии ходимони прокуратура қарор доранд”, қайд шудааст дар нома.

Як гурӯҳ “фаъолон”-и шабакаҳои иҷтимоӣ бидуни он ки то анҷоми таҳқиқи ҳодиса сабр кунанд, дар ин ҳодиса Хонкелдиеваро аз гунаҳкорони асосӣ ном бурдаанд.

Аз рӯйи муроҷиати Сайёра Хонкелдиева, баъди таҳқиқи мавзӯъ ва суҳбатҳо бо вай ва дигарон бовар ҳосил кардам, ки ҳодиса дар шабакаҳои иҷтимоӣ нодуруст қаламдод шудааст.

– Аз пахши хабарҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ то андозае огоҳ ҳастам. Ростӣ, Сайёра одами бовиҷдон ва ҳалолу пок аст. Аммо вуқӯъи худкушии Гулчеҳра Хӯҷақулова мунҷар ба он шуд, ки ӯ зери санги маломат бимонад. Хонкелдиева дар пешрафти кори таълиму тарбия саҳми калон гузоштааст. Бар илова, ӯ хеле зани масъулиятшинос мебошад, – гуфт дар суҳбат бо мухбири “Овози тоҷик” ҳокими ноҳия Ҷасурбек Абдурайимов.

Барои он ки ба ин ҳодиса фикри Вазорати муассисаҳои таълими томактабиро низ омӯзам, ба сухангӯи он Дилафрӯз Икромова муроҷиат кардам.

– Ин ҳодиса мавриди таҳқиқ қарор дорад. Мутахассисони мо низ дар ноҳияи Баликчӣ машғул ба ин коранд. Дар робита бо ҳодисаи худкушии мудири муассисаи таълими томактабии рақами 11-уми ноҳияи Баликчӣ Гулчеҳра Хӯҷақулова мо касеро айбдор карда наметавонем, зеро ходимони прокуратура ба ин кор машғуланд. Ин идора ҳанӯз хулосаи ниҳоӣ накардааст. Таҳқиқ, ки ба охир расид, перомуни ин масъала изҳорот пахш хоҳем кард,– гуфт Д. Икромова.

– Оё дар давраи таҳқиқи ҳодиса аз Сайёра Хонкелдиева тақозо хоҳад шуд, ки вазифаашро муваққатан супорад? – пурсидам аз сухангӯи вазорат.

– Мувофиқи қонунгузорӣ то анҷоми тафтишот касе Сайёра Хонкелдиеваро аз кор сабукдӯш намекунад. Аммо танҳо ба далели тафтишот вай бояд муваққат тарки вазифа намояд. Баъди анҷоми тафтиш хулоса карда мешавад, ки вай ба ҳайси мудир вазифаашро идома хоҳад дод ё на, – посух дод Дилафрӯз Икромова.

Зимни муроҷиати мо ба прокуратураи ноҳияи Баликчӣ роҷеъ ба Сайёра Хонкелдиева ягон муносибат нишон надоданд.

– Баъди ба ин вазифа таъин шудани Сайёра Хонкелдиева кори муассисаҳои таълими томактабии ноҳияи Баликчӣ хеле пеш рафт. Аммо бо сабабҳои номаълум Хӯҷақулова худкушӣ карду моро дар вазъияти ногувор қарор дод. Фишор ва таҳдидҳои зиёди беруна ба саломатии Сайёра Хонкелдиева бетаъсир намонд. Барои ҳамин ӯ бо хоҳиши худ феълан аз вазифа истеъфо дод. Аммо ӯ бекор намондааст ва ҳоло дар садорат машғули фаъолият мебошад, – гуфт сардори Садорати муассисаҳои таълими томактабии вилоят Муқаддас Абдуллоева.

Блогер Фотима Ҷӯраева дар саҳифаи хусусии шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» суратҳои ҳаҷвӣ чоп кардааст. Ҳамчунин вай чунин навиштааст: “Мудир С.Хонкелдиева яке аз онҳоест, ки дар худкушии Гулчеҳра Хӯҷақулова даст дорад, аммо ба ҷойи он ки аз кор равад, вайро ба мақоми болотар ба кор таъин кардаанд”.

Ногуфта намонад, ки Фотима Ҷӯраева нисбати фаъолияти сардори Садорати МТТ-и вилоят низ маълумотҳои ғаразнок интишор кардааст, салоҳият ва обрӯву эътибори ӯро зери савол қарор додааст. Гуфта мешавад, Фотима Ҷӯраева бо интишори мақолаҳо вазъияти носолим ва фикрҳои беасосро аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни мардум ба бор овардааст.

Садорати муассисаҳои таълими томактабии вилояти Андиҷон тавассути раддия интишори ҳар гуна маводи беасосро маҳкум намуда, илова кардааст, ки он тибқи қонунгузориҳои кишвар бояд баррасӣ гардад ва шахсони дар ин кор дастдошта бояд ба ҷазо кашида шаванд.

Зикри он нукта бамаврид аст, ки Сайёра Хонкелдиева 15 октябри соли 2019 роҳбари шуъбаи муассисаҳои таълими томактабии ноҳияи Баликчӣ тайин шудааст. Аммо дере нагузашта блогер Қодир Низомов навори видеоиро дар шабакаи «Ютуб» пахш намудааст, ки дар он фаъолияти С.Хонкелдиева зери танқиди шадид қарор гирифтааст.

Аслан зимни рух додани ҷиноят нисбати он мақомоти тафтишот парванда кушода, суд ҳукм мебарорад.

Аммо таҳқиқи журналистии марбут ба ин ҳодиса, ки мо низ кардем, нишон дод, ки баъзеҳо чизи хостаашонро дар шабакаҳои иҷтимоӣ интишор менамоянд, бо нишондоди ким-кӣ ин ё он шахсро муттаҳаму сиёҳ карда, ҳатто ба ҷойи додгоҳ дар бораи ӯ ҳукм содир мекунанд.

Ба гуфтаи Сайёра Хонкелдиева дар ин бора ба ниҳодҳои интизомӣ бо ариза муроҷиат карда буд, аммо ба далели он ки парванда зери таҳқиқ қарор дошт, ба аризаи ӯ чанд муддат ҷавоб надоданд.

Қодир Низомов аз чунин ранг гирифтани ҳол хурсанд шуд ва ба фаъолияти “хабарнигорӣ”-и худ идома дод. Пас аз чанде ӯ дар шабакаи иҷтимоии “Ютуб” таҳти унвони “Кирдори мудири ШМТТ-и ноҳияи Баликчӣ фош гардид!” навори видеоӣ нашр намуд, ки дар он Сайёра Хонкелдиева бадном шудааст.

Таҳқиқ нишон дод, ки С. Хонкелдиева инсони мансабталош нест. Ӯ бо даъвати сардори садорат аз мактаби таълимоти умумӣ ба ШМТТ-и ноҳияи Баликчӣ мудир тайин шудааст. Инро зимни суҳбат сардори ин идора Муқаддас Абдуллоева тасдиқ намуд.

– Ман аз фаъолияти Сайёра Хонкелдиева дар ин муддати кӯтоҳ ягон эътироз надорам. Аммо намояндагони шабакаҳои иҷтимоӣ намегузоранд, ки мо – мутахассисон ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул шавем. Ҳатто онҳо ба мо амр мекунанд, ки ин ё он ходимро аз кор сабукдӯш кунем,– афзуд Муқаддас Абдуллоева.

– Ҳамаи талошҳоямро ба он равона кардаам, ки номи некам доғдор нашавад. Дар давоми фаъолияти худ, ки ба соҳаи таълими халқ бахшидаам, ҳаргиз аз пайи ба даст овардани мансаб нашудам. Аз омӯзгори оддӣ то вазифаҳои гуногуни роҳбариро анҷом додам. Соҳиби фарзандону набераҳон ҳастам. Падарарӯсу модарарӯси меҳрубон дорам, ки ҳамеша маро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд ва мегӯянд, ки фарзандону набераҳоямро бо пули ҳалол парвариш кунам, – мегӯяд Сайёра Хонкелдиева.

Вақте ки ин сатрҳо иншо мешуд, Сайёра Хонкелдиева занг зад. Вай гуфт, ки прокуратура бегуноҳ будани ӯро эълон ва хулосаашро ба Вазорати МТТ низ тақдим намуд.

– Оё шумо ба иҷрои вазифа бармегардед, ки муваққатан аз он истеъфо додаед? – пурсидам аз ӯ.

– Дилам мехоҳад, ки барои бастани даҳони баъзе ҳангоматалабҳо ё гирифтани пеши роҳи беадолатиҳо корамро давом диҳам, вале аз азиятҳои равонӣ мебояд каме ба худ оям. Барои шахсе, ки дар майдони меҳнат худро пазондааст, ҳамеша ҷойи кор пайдо мешавад, – мегӯяд бо бурдборӣ Сайёра Хонкелдиева.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори махсуси “Овози тоҷик”.**
*Вилояти АНДИҶОН.*

# ҲИССА МЕГУЗОРАНД

– Корхонаи мо соли 1997 ташкил карда шуда, дар он 37 нафар меҳнат мекунанд. Дар ин ҷо маҳсулоти дӯзандагӣ, мебел ва ашёҳои спорт истеҳсол мешаванд. Дар давраи карантин коргарони мо бекор намонда, эҳтиёҷи халқро қонеъ мегардонанд. Аминҷон Самеев, Мунис Фахриев, Рауф Очилов, Майсара Ҳомидова, Мартаба Нарзиқулова, Нилуфар Шокирова, Ҳилола Сафоева барин коргарон ба дигарон намунаи ибрат шуда, мебелҳои рангоранг, сару либос, ашёҳои варзишии сифатнок бароварда истодаанд, ки ба талаби рӯз ҷавоб дода метавонанд,– мегӯяд директори корхонаи хусусии истеҳсолии «Зулфия»-и ноҳияи Самарқанд Фурқатҷон Узоқов.

Ҳаминро бояд гуфт, ки дар давраи пандемияи коронавирус ба одамони камбизоат ёрии моддӣ пешниҳод гардид. Ба 20 хонадон чой, равған, биринҷ, сабзӣ, картошка ва орд тақсим карда шуд. Ҷамъ ба 45 оилаи маҳалҳои Андиҷонӣ, Шӯрсой, Найзатеппа ва Ҷӯйи Аббос аз рӯйи корхона кӯмак кард.

Ҳодисаи нохуше, ки дар обанбори Сардоба рух дод, коргарони ин корхонаро низ бетараф нагузошт. Ба зарардидагон матрас, болин, кӯрпа, рӯйпӯш фиристоданд.

**Т.ЮНУСЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# АСАРИ САНЪАТ АЗ РЕШАИ ДАРАХТОН



*Бошандаи ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё Баҳодур Тӯрахоновро аксар ҳамчун ҳунарманди гулдаст мешиносанд. Ӯ ба намуди ноодатии санъат – сохтани ҳайкал ва анҷомҳои гуногун аз навдаҳои дарахт, решаҳои фарсудашудаи он шуғл меварзад. Асарҳои бетакрори аз ашёҳои нодаркор офаридаи ӯ касро мафтун мекунанд ва ҳайраташро меафзоянд.*

*– Барои сохтани ягон чиз чӯбҳои беарзиш низ кифоя аст, – мегӯяд Б.Тӯрахонов. – Аз чӯби оддии нодаркор чизи зарурӣ ё намунаи ноёби санъатро офаридан мумкин аст. Барои ин аз усто маҳорат ва ҳавсалаи махсус талаб мекунад.*

*Вақте ки ба офаридаҳои ҳунарманд назар меафканед, ба мӯъҷиза офаридани дасти одамизод амин мешавед.*

***Дар суратҳо:** ҳунари **Баҳодур Тӯрахонов** (дар боло). Ҳунарманд бо шогирдаш (дар поён).*

**Суратгир: Ҷ.ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).**



АЗ ҲАЁТИ МАҲАЛЛА

# ДАСТГИРИИ БОНУВОН — ВАЗИФАИ МУҲИМ

***Дар давраи пандемия дастгирии оилаҳои эҳтиёҷманд, хусусан кӯмак ба занону духтарон, бо хонакорӣ таъмин намудани онҳо вазифаи муҳим ба шумор меравад. Мақсади барномаи «Саховат ва кӯмак» низ ба амал баровардани беҳсозии рӯзгор, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, кӯмак ба шахсони танҳо, пирон, ногиро ва бекорон мебошад.***

Шумораи аҳолии ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарё 74 ҳазору 622 нафар буда, аз он беш аз 38 ҳазор нафар занону духтарон мебошанд. Занону духтарони банд 13380 нафар, бо шуғли мавсимӣ фарогирифта 1440 нафарро ташкил медиҳад.

Президент ҳангоми ташриф ба вилоят ба масъалаи таъмини аҳолӣ бо кор, хусусан бонувоне, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, эътибори алоҳида нигаронд. Бо ин мақсад соли ҷорӣ дар маҳаллаи Ибрат сехи дӯзандагии «Барака чеварлари»-и корхонаи масъулияташ маҳдуди «Miss miledi» созмон ёфт ва дар ду баст 300 нафар занону духтаронро бо кор таъмин намуд. Дар асоси лоиҳаи «Ҳунарманд – таълим» анъанаи устоду шогирд ба роҳ монда шуд. Маркази «Зани ҳунарманд» ташкил карда шуд, ки дар он занону духтарон ҳунарҳои либосдӯзӣ, кӯрпаю болишт, парда, ҷиҳози арӯс, таомпазӣ, омода кардани газаку шириниҳоро меомӯзанд.

– Аз ҷониби фонди давлатии мақсадноки «Дастгирии оила ва занон» ба 39 нафар аробачаи ногироӣ, асбоби шунавоӣ, асо супурда шуд. Гурӯҳи корӣ ба 238 хонадони 25 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия рафта, тарзи зиндагии оилаҳои муҳтоҷ, бемор, бепарастор, ногиро, танҳо, серфарзандро омӯхтанд. Хонаву ҷойи 22 нафар таъмир гардид ва ба 10 нафаре, ки дар иҷора нишастаанд, хонаву ҷо ҷудо карда шуд.

Бо мақсади кӯмак ба сиҳатии занон, дар асоси хулосаи тиббии шуъбаи тиббии ноҳияи Гулистон ба ҳисобсурати 14 нафар бонувон 1,5 миллион сӯмӣ маблағ гузаронда шуд, – мегӯяд мутахассис доир ба корҳои дастгирии оила ва маҳалла Наргиза Тоҷибоева. – Дар шароити вазнини имрӯза, ки аксарият бекор нишастаанд ва барои обу газ, қувваи барқ наметавонанд пардохт намоянд, ба 110 нафар занони муҳтоҷ кӯмак расонда шуд.

– Ба роҳ мондани шароити зиндагӣ ба худи соҳибхонаи чашмикордон вобаста аст. Ба замини рӯйи ҳавлӣ аввали баҳор шалғам, кабудӣ ва қулуфнай мекорем. Ду маротиба ҳосили картошкаи баҳориву тирамоҳӣ, ҷуворимакка ва юнучқа мегирем. Ба ғайр аз ин, меваи гуногун мегирем. Дар ҳавлӣ гов, гӯсфанд ва мурғ мепарварем. Даромади аз рӯзгор зиёдатиро мефурӯшем. Хуллас, доимо меҳнат мекунем, – мегӯяд соҳибкор аз маҳаллаи Аҳиллик О. Тӯхтасинова.

Маълум аст, ки баъзе ҷавонони кӯтоҳандеш ба норасоӣ ва мушкилии рӯзгор тоб намеоранд ва аз оила ҷудо шудан мехоҳанд. Масалан, дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз маҳаллаи Зарбдор 6, Ибрат 5, Соибобод 3, Оқолтин 3, Яссавий 2, Аҳиллик 2, Боёвут 2 ҳолатҳои ҷудошавии оилаҳо қайд карда шудаанд. Аксарияти онҳо ҷавононанд. Аз рӯйи ин масъалаҳо низ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад. Имрӯзҳо дар давраи пандемия аз ҷониби зершуъбаҳои Гвардияи миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ риояи аҳолӣ ба тартибу қоидаҳои муайяншуда таҳти назорат гирифта шудааст.

**Ҷаҳонмурод РӮЗИЕВ,**
**сармутахассис оид ба кор бо фаъолияти иҷтимоиву сиёсии занон ва оилаҳои эҳтиёҷманди ноҳияи Гулистони вилояти Сирдарё.**

## БУХОРО – ПОЙТАХТИ ФАРҲАНГИ ИСЛОМ

# БӮЙИ ҶӮЙИ МӮЛИЁН...

(Эссе)

***Соли 2020 бино ба қарори Созмони конфронси исломӣ доир ба масоили таълим, илм ва фарҳанг – АЙСЕСКО (ISESCO) шаҳри Бухоро «Пойтахти фарҳанги ислом» эълон гардид. Бояд гуфт, ки соли 2007 шаҳри Тошканд сазовори ин ном гардида буд.***
***Дар рушди таърих, фарҳанг, маънавият ва адабиёт Бухорои шариф ҷойгоҳи худро дорад. Нигоштаи зерин то ҷое далели ин гуфта мебошад.***

### Зиёрати Бухороро аз куҷо бояд шурӯъ кард?

Дар деҳаи Қирғизони ноҳияи Вобкенти вилояти Бухоро дида бу дунё кушодам. Забони таълим дар мактаб ӯзбекӣ буд. Қирғиз номи яке аз қабилаҳои ӯзбек бошад. Аҳли Бухоро бино ба салоҳдиди худ моро «қирғизон» меномиданд, ки ишора ба қабилаи мост. Номи деҳа низ аз ин ҷост.

Тасаввуроти кӯдакиам дар гирду пеш вуҷуд доштани забони дуюмро мисли муъҷиза қабул карда буд. Забони тоҷикиро шурӯъ аз се-чор солагӣ омӯхтаам. Модарам мактаби миёнаву омӯзишгоҳи тоҷикиро хатм намуда, чанд сол дар мактаби тоҷикӣ ба хонандагон дарс додааст. Баъди он, ки роҳи тақдир ӯро ба деҳаи мо овард, корро дар мактаби ӯзбекӣ идома дод. Дертар дар донишкада таҳсил гирифта, ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти ӯзбек ба кор шурӯъ кард. Аҷабо, модарам дар оила бо 9 фарзандаш боре тоҷикӣ ҳарф назадааст. Танҳо дар рафти суханронӣ бо байт, мақол ё ягон зарбулмасали тоҷикӣ фикрашро тақвият мебахшид. (Бародари хурдиам Мирзоаҳмад Олимов соли 2007 дар яке аз шумораҳои маҷаллаи «Сино» мақолаеро таҳти унвони «Ҳикматҳои аз Ҳадичабибӣ баёдгормонда» интишор дода, ба тафсилоти он суханони ҳикматнок пардохта буд). Модару фарзанд бо кадом забон, ки ҳарф зананд, фарзанд то охири умр бо ҳамон забон табодули афкор менамудааст. Бо модар бо забони дигар ҳарф задан сохтакорие беш нест.

Забони тоҷикиро мо, асосан, вақте меҳмонон аз ноҳияҳои Шофиркону Пешкӯ меомаданд, ё мо аз ҳоли хешу таборони онҷоӣ хабаргирӣ мерафтем, меомӯхтем. Баъзан бахти шунидани «Саломнома», мухаммасхониҳои форсии тоҷикӣ дар тӯйи тоҷикону ӯзбекони Бухоро инҷонибро насиб мегардид.

Вақте дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон таҳсил доштам, ба донишҷӯён забони форсӣ низ омӯзонида мешуд. Ба омӯхтани он аз таҳти дил камар бастам. Нахустин шеъре, ки дар ин даргоҳ аз ёд карда будам, қасидаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, ки бо сатри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» оғоз меёбад. Дар ситоиши шеърҳое, ки на он қадар баланданд, баъзе адабиётшиносон бебаркаш ҳарф мезананд. Шеърҳои олӣ аз назарашон дур мемонад. Вале шеърҳои асиле ҳастанд, ки воқеан, худододанд. «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён...»-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, бешубҳа, аз ин гуна офаридаҳост.

Ба сухани нафаре, ки рӯзгоре дар вилояти Бухоро бори роҳбарӣ бар дӯш дошт, гӯш андозед:

— Ба вилоятамон шахси соҳибҷоҳе меҳмонӣ омад. Бино ба супориш дар хидмати ӯ будам. Дар омади гап гуфтам:

— Шумо зиёрати Бухороро аз куҷо оғоз карданӣ ҳастед? Фикр кардам, ки мегӯяд: «Ихтиёр дар дасти шумо, охир шумо Бухороро аз ман беҳтар медонед». Вале ӯ, ғайричашмдошт, изҳор дошт:

— Дар навбати аввал ҷӯйи Мӯлиёнро зиёрат карданиам.

Дар ин ҳангом худ аҳволи маро пеши назар оваред. Бисёр ҷойҳои ҷолиби шаҳри шарифро хуб медонистам. Аммо намедонистам, ки ҷӯйи Мӯлиён кадом ҷӯй аст, аз куҷо убур мекунад, оё имрӯз низ вуҷуд дорад, агар вуҷуд дошта бошад, чӣ ном дорад?

Хайрият, ки муаррихон ва ходимони осорхонаҳо ҳастанд. Барои ҳалли мушкил ба онҳо занг задам. Ба зиёрати ҷӯй рафтем. Меҳмон дар соҳили он ба зону шишта ашк рехт, оби ҷӯй ҳарчанд гилолуд буд, ба каф гирифта як-ду ҷуръа нӯшид. Ин кори ӯ ба ҳайрати мо афзуд.

Ба ҷойи он, ки вай надонистаҳояшро аз ман суол кунад, ман аз ӯ пурсидам:

— Ин чӣ ҷӯю ҷоест? Чаро зиёрати Бухороро аз ин ҷо шурӯъ кардед?

Меҳмони мағрибӣ ба суолам бо суол ҷавоб дод:

— Оё Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро медонед? Як шеъри ӯро, ки бо сатри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» оғоз меёбад, хондаед?

### «Ватан аст ин, Ватан аст ин, Ватан аст...»

Агар аз шеърҳои Муҳаммад Фузулӣ сатре бихон гӯянд, мисраи мазкурро ба забон меовардам. Барои инсон эҳсосе нозуктар, бузургтар ва муассиртар аз эҳсоси Ватан вуҷуд надорад. Ҳама гӯшаеро, ки дар он ҷо хуни нофаш рехтааст, дӯст дорад. Ҳар дурафтода аз Ватан хоки онро ба чашм мисли сурма мемолад, обҳои зулолашро рӯйи каф гузошта бо ташнагии зиёд нӯши ҷон мекунад. Дар назди Ватан шоҳу гадо баробар аст. Ин ба амири Сомонӣ низ тааллуқ дорад.

Бояд гуфт, ки қабл аз ҳама худи Рӯдакӣ Бухороро пазмон шуда буд. Вақте суруд оғоз кард, дар баробари ӯ, созаш низ ба нолидан даромад.

Дар асл рӯду об бӯй надоранд. Вале ба димоғи Рӯдакии шоир бӯйи гулу гиёҳҳои соҳили Мӯлиёни қадим зад, накҳати онҳоро эҳсос кард. Охир дар соҳили он рӯд боғҳои биҳиштосои Сомониён доман густурда буданд.

Ин суруди илоҳӣ шоҳу гадоро ба сӯйи Бухоро кашид. Меҳри Бухоро дар дили Рӯдакӣ беандоза буд. Ӯ дар як ғазалаш низ аз Бухоро ёд кардааст:

*Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,*
*Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд.*

### Мӯлиён аз куҷо ба куҷо ҷорист?

Ҷӯйи Мӯлиён имрӯз низ вуҷуд дорад. 5-6 фарсах дуртар аз шимоли Бухоро, қасри тобистонаи Ситораи Моҳи Хосса ва шафати дарвозаи рамзии имрӯзаи Бухороро убур карда, ба сӯйи қибла ҷорист. Он маҷрояшро идома дода, аз ҳудуди собиқ хоҷагии ҷамоавии «Маданият»-и ноҳияи Бухоро гузашта, ба Ҷӯйи Зар, ки аз наздикии маҷмӯи ёдгории Чор Бакр мегузарад, мепайвандад. Шурӯъ аз аҳди Рӯдакӣ то солҳои 60-уми қарни сипаригардида сарчашмаи ҷӯй дарёи Зарафшон буд, ҳоло ба он ҷӯй тавассути насосҳои муқтадир аз дарёи Ому об кашида мешавад.

Ҷӯйи Мӯлиён дар қарни XV маълуму машҳур будааст. Муаррих Аҳмад ибни Маҳмуди Бухорӣ дар асари таърихии худ «Таърихи Муллозода» овардааст, ки ба деҳаи Даймуни атрофи Бухоро тӯли шаш моҳ об наомад. Ниҳоят, вақте аз самти Ҷӯйи Мӯлиён ҷӯйи нав канданд, ба деҳа об омад. (Ниг. Аҳмад ибни Маҳмуди Бухорӣ, «Таърихи Муллозода». Дар зикри қабрҳои Бухоро. Тошканд, «Янги аср авлоди», 2009, саҳ. 75).

### Тарҷума ва таҷриба

Шеъри хуб ба дигар забон як бор тарҷума намешавад. Зеро бадеият ва нафосати ин ё он асар дар як таҷриба ба забони дигар намекӯчад.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар байни шоирони Мовароуннаҳр аз нахустин шоиронест, ки девони худро тартиб додааст. Биноан, ба ӯ лақаби «Одам-уш-шуаро»-ро додаанд. Қасидаи мавриди назар ба он андоза машҳур аст, ки дар адабиёти форс-тоҷик ба он беш аз 100 назира бастаанд. Имрӯз низ назирагӯйӣ ба ин шеъри дилнишину хушоҳанг идома дорад.

Тарҷумаи ин қасида ба забони ӯзбекӣ аз нимаи дуюми қарни XX оғоз ёфтааст. Баъди ҳаллу фасли чаҳор тарҷумаи аввалин доктори илмҳои филологӣ, профессор Охунҷон Сафаров нигоштааст: «...Аз ҷониби чаҳор тан ба забони ӯзбекӣ чаҳор маротиба тарҷума шуда бошад ҳам, зарурати такмил додан, тарҷумаи мукаммали бадеии ин асари Рӯдакӣ тақозои давр аст». (О. Сафаров, «Лавҳаҳо аз таърихи ҳаракатҳои адабии Бухоро» (Мақола ва рисолаҳо). Бухоро, «Дурдона», 2015, саҳ. 17-18).

Дар ин ҷо матлаи қасидаи мавриди тарҷумаро меоварем ва ёдрас менамоем, ки мақсад муқоисаи онҳо нест. Дар ин ҷо интихоби вазн, қофия ва радиф аз ҷониби муаллифони тарҷума худ бе шарҳу тафсир аён мегардад.

1. Тарҷумаи М. Муинзода:

*Мӯлиённинг ҳиди бу ёнга келур,*
*Ёр ёдида дил фиғонга келур.*

2. Тарҷумаи Ш. Шомуҳаммедов:

*Мӯлиённинг ҳиди бу ён келадур,*
*Меҳрубон ёр ёди шу он келадур.*

3. Тарҷумаи С. Раҳмон:

*Мӯлиён ҳиди бу ён келмоқдадур,*
*Ёдга ёри меҳрубон келмоқдадур.*

4. Тарҷумаи С. Воҳидов:

*Мулиённинг хуш ҳиди келгай бу он,*
*Эсга тушгай ёди ёри меҳрубон.*

5. Тарҷумаи И. Назаров:

*Мӯлиённинг ҳиди бу ён келадур,*
*Меҳрубон ёр ёди ҳар он келадур.*

Аз намунаҳо ошкор мегардад, ки М. Муинзода, Ш. Шомуҳаммедов ва И. Назаров шеърро дар вазни ҳиҷо тарҷума кардаанд. Вале ҳарчанд баъзе сактагиҳои вазнӣ ба назар мерасад, С. Раҳмон ва С. Воҳидов қасидаро бино ба вазни арӯз тарҷума кардаанд.

Н. Шукруллоев панҷ тарҷумаро ба таври муқоиса омӯхта, дар ниҳояти кор, шеъри мазкурро худ ба забони ӯзбекӣ баргардондааст. Инак, матлаи он:

*Мӯлиён жӯй иси бу ён келади,*
*Хаёлга ёри меҳрибон келади.*

Тарҷумон саъй бинмудааст, ки ба аслият наздик шавад. Вале ин кор ҷозибаи шеърро то ҷое костааст. Барилова, дар муқоиса бо асл, тарҷума салис сурат нагирифтааст.

Дар интернет бо тарҷумаи Насимҷон Насимов бархӯрдем. Аз чӣ бошад, ки ду байти охирини шеър сарфи назар шудааст. Матлаи қасида бад-ин зайл аст:

*Бӯйи ҷуйи Мӯлиён келгай ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрибон келгай ҳаме.*

Бо вуҷуди сактагиҳои ҷузъии вазнӣ, шеър ба вазни асл мутобиқ тарҷума шудааст. Ибораи «келгай ҳаме» ба оҳангнокии шеър афзудааст, танҳо бояд ёдрас кард, ки дар забони ӯзбекӣ калимае дар шакли «ҳаме» вуҷуд надорад.

Сухан кӯтоҳ, ин шоҳасари Рӯдакӣ ба забони ӯзбекӣ 7 маротиба тарҷума шудааст. Як чизро бояд фаромӯш накард, ки агар вазни арӯз дар назми ӯзбек бесобиқа мебуд, яъне Лутфӣ, Навоӣ, Бобур, Машраб, Увайсӣ, Нодира, Огаҳӣ, Муқимӣ, Фурқат барин шоирон онро мавриди истифода қарор намедоданд ва дар қарнҳои XX ва XXI шоирони боистеъдоде мисли Чустӣ, Эркин Воҳидов, Ҷамол Камол ин анъанаро идома намедоданд, имкони шеъри Рӯдакиро ба ин андоза салису равон тарҷума кардан вуҷуд надошт.

Инҷониб қариб ним аср бо тарҷумашиносӣ ва омӯзиши хусусиятҳои шеъри классикии форсию туркӣ сару кор дорад. Бо назардошти ин ҳама ва иштиёқ, саъй бинмудам, ки бар дӯши хомаи хеш бори сангини тарҷумаи қасидаи мазкурро бигузорам. Сангбардор, бехабар аз ҳолатҳои равонию ҷисмонӣ, дар назди тамошобинон сангҳоро мебардорад. Танҳо тамошобин метавонад баҳо диҳад, ки ӯ сангро то куҷо озод бардошт. Мисли ҳамин, ба тарҷумаҳо, бигузор, хонанда баҳо диҳад. Инак, он қасидаи машҳури Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тарҷумаи инҷониб:

Асл:

*Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

*Реги Ому бо дурушти роҳи ӯ,*
*Зери поям парниён ояд ҳаме.*

*Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*

*Эй Бухоро шод бошу дер зӣ,*
*Мир наздат шодмон ояд ҳаме.*

*Мир моҳ асту Бухоро осмон,*
*Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.*

*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.*

*Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,*
*Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.*

Тарҷума:

*Мӯлиён бӯйи бу ён келгай ҳамон.*
*Ёди ёри меҳрибон келгай ҳамон.*

*Омунинг ўйдум-чуқур қумлик йўли,*
*Оёқ остида равон келгай ҳамон.*

*Дўсти юзини кўриб, Жайҳун суви,*
*Отимиз бели томон келгай ҳамон.*

*Мир Ой бўлса, Бухоро — осмон,*
*Мир ҳам бу осмон келгай ҳамон.*

*Мир сарв-у, ул Бухоро — бўстон,*
*Сарв, кўрки, бўстон келгай ҳамон.*

*Мадҳ этарман, фойдага келгай ҳамон,*
*Ганж топса гар зиён, келгай ҳамон.*

Вақте ин навишта ба анҷом расид, онро ба баъзе мутахассисон равон кардам. Мақсад фаҳмидани фикру мулоҳизаҳояшон буд. Дар натиҷа ошкор гардид, ки қасидаи машҳури Рӯдакиро тарҷумашиноси шинохта Зуҳриддин Исомиддинов ва адабиётшинос Толибҷон Рӯзибоевҳо низ баргардонида будаанд. Бад-ин тариқ, тарҷумони як шеъри баландсанъат ба забони ӯзбекӣ ба 10 нафар расид. Инак, ба матлаъи тарҷумаҳо мутаваҷҷеҳ бошед.

Тарҷумаи З. Исомиддинов:

*Мулиённинг суйи лим-лим оқадур,*
*Меҳрибон ёр ёди дилга ёқадур.*

Тарҷумаи Т. Рӯзибоев:

*Хуш ифори Мӯлиён келмакдадур.*
*Ёди ёри меҳрибон келмакдадур.*

**Султонмурод ОЛИМ,**
**адабиётшинос, тарҷумон ва шоир.**

## Ривоят

**«...Рӯзгоре Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ба Бодғис ном манзиле меравад. Обу ҳавои хуш ва меваҳои он ҷо подшоҳро чунон сармаст мекунанд, ки чаҳор сол дар Бодғис монда, шаҳри Бухоро ва тахтгоҳи худро фаромӯш мекунад.**

**Дарбориён ва сарлашкарон ба танг омада, аз Рӯдакӣ, ки дар он сафар ҳамроҳ буд, мадад ҷустанд, то ин ки ба таъсири сухани вай подшоҳ ба ватан – Бухоро баргардад. Рӯдакӣ қабул кард. Вақте ки подшоҳ субҳ сабӯҳӣ мезад, ба наздаш омад ва ба ҷойи худ нишаст, чанг баргирифт ва дар ҳавои «Ушшоқ» қасидаро ба хондан шурӯъ кард...**

**Подшоҳ аз шунидани шеър ва созу овози Рӯдакӣ чунон мутаассир шуд, ки аз тахт фуруд омада, бе мӯза ба асп савор шуд ва роҳи Бухороро пеш гирифт...»**



*Соли ҷорӣ дар ноҳияи Тахтакӯпири Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бунёдкории васеъмиқёс ба амал бароварда мешавад. Кӯчаҳои маркази ноҳия васеъ гардонда, сохтмони як қатор объектҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ ба охир мерасанд. Яке аз объектҳои нави сохтмон – стадиони замонавии варзиш мебошад, ки ба мақсади васеъ ҷалб намудани ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бунёд мегардад. Ин маҷмӯи варзиш ба ҳазор ҷой муқаррар шуда, корҳои сохтмон аз ҷониби коргарони ҶММ «GOLDEN STAR» ба амал бароварда, он дар арафаи хотимаёбӣ мебошад. Алҳол ин ҷо бунёдкорон бо корҳои ҷобаҷогузории курсиҳо, кашидани хати майдончаҳои тохтутоз ва тиҷҳизониданi хонаҳои шустушӯӣ машғуланд. Дар стадион баҳри шуғли навъҳои атлетикаи сабуки варзиш ва футбол имкониятҳо фароҳам оварда шудааст.*

***Дар сурат:** дар ноҳияи Тахтакӯпир стадион барои ҳазор ҷой бунёд мегардад.*

***Суратгир: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

## ТАБОБАТХОНАИ ТАБИАТ

# ҲАЗОРИСПАНД – ДАВОИ ҲАЗОР ДАРД

***Одамон ҳанӯз аз замонҳои қадим роҳҳои истифодаи гиёҳу растаниҳоро омӯхта, онҳоро ба давоӣ ва заҳрнок ҷудо кардаанд. Дар ин байн ҳазориспанд заҳрнок буда, бо хусусиятҳои зиёди шифобахшиаш бартарӣ дорад.***

Дар гуфтугӯ ва адабиётҳо ҳазориспанд бо номҳои испанд, исфанд, сипанд, испандона, адрасмон, адрасман, хардал, ҳазориспанд маъруф аст. Вай гиёҳи худрӯ мебошад. Решаи дарозу ғафс дорад. Асосан дар заминҳои шӯр, санглох, регзор, канори сой, биёбону дашт ва ҳамчун алафи бегона дар киштзор месабзад.

Ҳозориспандро ҳанӯз Дискуридус (асри I милодӣ) ва Абӯалӣ ибни Сино барои муолиҷаи бемориҳои гуногун ба кор бурдаанд. Табиб ва донишманди бузург Абӯалӣ Сино дар бораи тамоми растаниҳои шифобахше, ки то замони ӯ маълум буданд, маълумот медиҳад. Ӯ қариб ҳазор намуди растаниҳои доруиро тавсиф кардааст, ки миёни онҳо ҳазориспанд ҳам ҳаст.

Мувофиқи маълумоти маъхазҳои мавҷуда ҷамъоварии растаниҳои худрӯйи давоӣ аз соли 1630 сар шудааст. Тақрибан панҷсад дастхати асрҳои XVII-XVIII дар бораи растаниҳои давоӣ мебошанд. Бобати ба роҳ мондани истифодаи як қатор растаниҳои доруӣ хидмати асосгузори илми тибби рус С. Боткин калон аст. Дар клиникаи ӯ гиёҳҳои шифобахши адрасмон (адонис), ливондор, лобвия, строфона ва ғайраро, ки барои табобати заъфи дил истифода мешаванд, тадқиқ кардаанд.

Дар амалияи илми тиб ҳазориспанд барои муолиҷаи қабзияти меъдаву заъфи рӯда, исҳол, ғалаёни хун ва ғайра истифода мешавад. Испанддудкунӣ, махсусан дар миёни мардум хеле роиҷ гаштаст. Ин ҷиҳат дар адабиёти бадеӣ ва фолклор низ ифодаи худро ёфтааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи испанд ин тавр тавзеҳ шудааст : Испанд /исфанд як навъ гиёҳи худрӯй, ки донаҳои хурди сиёҳ дорад ва гӯё сӯзонда дуд карданаш барои дафъи захми чашми бад фоиданок мебошад. Сипанд, ҳазориспанд.

*Агар ин сон зи дил*
*оташ фурӯзад,*
*Аз он дӯзах чу испанде*
*бисӯзад.*
(Бадрии Кашмирӣ).

Ё худ дар аввали қиссаи нависандаи тоҷик Урун Кӯҳзод «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим» ин абёт ба чашм мехӯранд:

*Ҳазориспанд ҳазор*
*дона,*
*Ба чашми хешу бегона.*
*Ҳазориспанда дуд*
*кардем,*
*Ҳазор балоя дур*
*кардем.*

Одамон дар кунҷи дару дарвозаи ҳавлии хеш бандчаи ҳазориспандро овехта мемонанд, то ки манзили онҳоро аз чашми бад нигоҳ дорад.

Дар бораи хосиятҳои шифобахшии ҳазориспанд ва истифодаи он дар табобати халқӣ номзади илмҳои филологӣ, шодравон Холназар Ӯролзода дар китобҳои худ «Дардингизга даво топасиз» — «Ба дардатон даво меёбед», «Гиёҳҳои шифобахш» низ маълумот додааст.

Ҳоло барои пешгирии вируси хавфнок ва эмин доштан аз микроб ҳазориспандро истфода мебаранд. Аз ин рӯ эҳтиёҷи мардум ба он афзудааст.

Дар доруxонаҳо аллакай появу тухмиҳои ҳазориспандро дар халтачаҳо мефурӯшанд, ки корхонаҳои дорусозӣ тайёр кардаанд. Ҳоло вақти он расидааст, ки бо иҷозати идораи экология ва ҳифзи муҳити зист ҳазориспанд ба таври маданӣ (на бо роҳи поймолкунӣ) ғун карда шавад ва коркард гардад.

**Анорбой НАЗАРОВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервали ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-735. Адади нашр 742, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.